**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров",
профессор Ҷӯразода Ҷ.Ҳ.
_______________
«14» октябри соли 2020

## ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Охунзода Насруддин дар мавзӯи «Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик» барои дарёфти дараҷаи унвони номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Публитсистика баёнгари ҳолати рӯҳияи давру замони муайян буда, мавзӯи он аз ҳаёти рӯзмарраи воқеӣ маншаъ мегирад. Дар кишвар тӯли солҳои Истиқлолияти давлатӣ имконияти нодири таърихӣ ва муқаддасоти умумимиллӣ барои пешрафту дигаргуниҳои азим ва уфуқҳои тозаи инкишофу тараққиёт фароҳам омада, сохтори мустаҳками давлатдории навини миллиро пойдор намуд. Ҷиҳати ноил шудан ба ин дастовардҳои пурарзиши даврони Истиқлолияти давлатӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хизматҳои бузурги таърихиро анҷом дода истодаанд. Сиёсати давлатдорӣ, шаклу шеваи роҳбарӣ, хислатҳои мардумпарварӣ, инсондӯстӣ ва некхоҳии ӯ на танҳо дар саҳифаҳои ВАО, балки дар публитсистикаи китобиву адабиёти бадеӣ таҷассум ёфта, арҷгузорӣ шудааст.

Имрӯз муҳим ва зарур аст, ки чунин асарҳои публитсистӣ ҳамаҷиҳата мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор бигиранд, зеро ин амал дар шинохти шахсиятҳои таърихӣ нақши бориз мегузорад.

Мавзӯи диссертатсияи Охунзода Насруддин, ки таҳти унвони **«Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик»** барои дарёфти унвони номзади илмҳои филологӣ пешниҳод шудааст, мубрам ва навҷӯёна арзёбӣ шуда, аз зумраи он таҳқиқотест, ки дар он нақш ва хидматҳои бузурги Пешвои миллат дар мисоли асарҳои публитсистӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш фасл ва хулосаву рӯйхати адабиёт таркиб ёфта, муаллиф моҳияти мавзӯъ ва масъаларо ниҳоят хуб маърифат карда, бо назардошти методологияи таҳқиқ омӯзиш ва баррасии мавзӯъро ба тарзи илмӣ тарҳрезӣ намудааст.

Дар муқаддима моҳияти мавзӯъ асоснок, дараҷаи омӯзиши он баррасӣ шуда, ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот ва навгонии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ муайян гардидааст. Ҳамчунин, асосҳои назарӣ ва методологии тадқиқ, арзиши назарӣ ва амалии рисола мушаххасан ташреҳ шудааст. Диссертант мавзӯъро аз рӯйи низоми муайяни илмӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додааст. Бобҳои диссертатсия паҳлуҳои гуногуни мавзӯъро фаро гирифта, дорои алоқамандии мантиқӣ ва хулосаҳои мушаххас аст.

Боби аввали диссертатсия **«Тавсифи умумии осори публитсистӣ доир ба Эмомалӣ Раҳмон»** унвон дошта, аз ду фасл – «**Заминаҳои таърихии ташаккули образи Эмомалӣ Раҳмон**» ва **«Симои Пешвои миллат дар асарҳои алоҳидаи публитсистӣ»** иборат аст.

Дар фасли аввал диссертант омилҳои ташаккули симои Пешвои миллат, аз ҷумла, нақш ва ҷонбозию фидокориҳои Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои фароҳам овардани сулҳу осоиштагӣ, ваҳдати миллӣ ва муттаҳидсозии миллат, муаррифӣ шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ, дунявӣ, ҳуқуқбунёд ва ягона, амалигардии ҳадафи асосӣ ба монанди падидаи сулҳ ва тантанаи он дар кишвар, бунёди низоми нави давлатдорӣ ва рушду такомули иқтисоду

иҷтимоиёти кишварро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, ба хулосаҳои мушаххас ва ҷолиб расидааст.

Диссертант дар фасли дуюми боби аввал дар заминаи осори публитсистӣ ба монанди «Меъмори ваҳдат», «Роҳ ба сӯйи созиш», «Мардистон», «Достони Роғун», «Ҷасорат», «Корномаи Эмомалӣ Раҳмон», «Нақби Истиқлол», «Пешво – ифтихори миллат», «Бахтофарин», «Эмомалӣ Раҳмон дар оинаи замон», ки дар он тасвири воқеаҳову эпизодҳои марбут ба оғозу идома ёфтани музокироти сулҳи тарафҳо, ки гоҳо хусусияту пафоси диққатҷалбкунандаи образноки бадеӣ пайдо мекунад, ҷанбаи таҳлилию ҳуҷҷатнигорӣ, ки пероста бо далоилу арқоми таърихӣ ба мушоҳида мерасад, образи Сарвари давлатро мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода, ба натиҷаи назаррас ноил гардидааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Вижагиҳои тасвири симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобӣ»** номгузорӣ шуда, дар фасли аввал **«Тасвири корнамоиҳои Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун истиқроргари сулҳу ваҳдати миллӣ»** диссертант дар заминаи осори публитсистӣ нақши Эмомалӣ Раҳмон дар истиқрори сулҳу ваҳдати миллӣ ва бунёдкориҳо дар даврони соҳибистиқлолӣ таҳқиқу баррасӣ намудааст.

Диссертант бар он назар аст, ки адибону публитсистон раванди сулҳи тоҷиконро, ки бо талошҳои пайвастаи Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадааст, воқеӣ, аммо образнок иншо намуда, бо истифода аз воситаҳои гуногуни тасвир, аз як тараф, нигоштаҳояшонро хонданбоб гардонидаанд, аз ҷониби дигар, симои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун меъмори сулҳу ваҳдати тоҷикон самимӣ нишон додаанд.

Фасли дуюми ин боб **«Азми созанда ва бунёдкориҳои шахсияти таърихӣ дар таҳкими истиқлолияти миллӣ»** унвон дошта, муҳаққиқи ҷавон Охунзода Насруддин дар ин бахш осори публитсистии таълифшударо, ки дар меҳвари онҳо хидматҳои мондагор ва азму талоши Сарвари давлат дар самти созандагию ободкории кишвар қарор гирифтааст,

ҳам аз ҷиҳати муҳтавою ғоя ва ҳам аз нигоҳи ҳунару маҳорати нигорандагӣ таҳлилу баррасӣ намудааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Таносуби воқеият ва бадеият дар бозтоби симои Пешвои миллат»** унвон дошта, дар он ду масъала **«Имконоти жанрҳои публитсистӣ дар офаридани симои шахсияти таърихӣ»** ва **«Воқеияти иҷтимоӣ ва аносири ҳунарӣ дар тасвири образи қаҳрамони воқеӣ»** мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар онҳо таносуби жанрҳо, хунари нигорандагии адибону публитсистон, бадеият ва воқеият дар тасвири осори публитсистӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода шудааст.

Муаллиф дар заминаи тадқиқоти баанҷомрасонида хулосаҳои ҷузъӣ ва умумие ҳосил намудааст, ки дар поёни фаслу бобҳо ва дар қисми хулоса ҷой дода шудааст.

Тадқиқот арзиши баланди назарӣ ва амалӣ дошта, бори аввал тасвири шахсият ва симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобӣ мавриди пажӯҳиши диссертатсионӣ қарор дода шудааст.

Ҳамин тариқ, аз назари арзиши илмӣ, навоварӣ ва хунари таҳқиқу таҳлили муаллиф шоистаи таҳсин аст, вале бо баробари муваффақиятҳо дар он баъзе норасоиҳо низ ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд. Аз ҷумла:

**1. Дар қисмати дараҷаи омӯзиш асарҳои зиёд номбар шуда бошад ҳам, аммо диссертант дараҷаи омӯзиши илмии мавзӯи мазкурро муайян накардааст. Ин қисмат шарҳу тавзеҳи иловагиро хоҳон аст;**

**2. Унвони фасли аввали боби сеюм, ки «Имконоти жанрҳои публитсистӣ дар офаридани симои шахсияти таърихӣ» мебошад, ба назари мо, ба ҷои вожаи «имконот» калимаҳои «нақш ё мавқеъ»-ро истифода мебурданд, хубтар мешуд;**

**3. Дар автореферат маълумоти фаровон ҷой дорад, аммо иқтибосҳо дида намешаванд, истифодаи иқтибосҳо барои собит намудани андешаҳо зарур аст (с.10-13);**

**4. Ҳолатҳои такрор шудани баъзе хулосаҳои фаслу бобҳо дар қисмати хулосаи умумӣ ба мушоҳида мерасад.**

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, қимати илмии рисоларо паст намекунанд. Диссертант вазифаҳои дар наздаш гузоштаро бомуваффақият иҷро кардааст. Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти мустақилона буда, аҳамияти назариву амалӣ дорад. Автореферат ва 16 матолиби интишорнамудаи муаллиф, ки 5-тоаш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА ҶТ ба табъ расидаанд, асоси мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд.

Диссертатсияи илмии Охунзода Насруддин дар мавзӯи «Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик» таҳқиқоти бaанҷомрасида буда, дар сатҳи баланди илмӣ таълиф шудааст. Диссертатсия бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назарию амалиаш ба тамоми талаботи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Диссертатсия дар кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” дар ҷаласаи № 03 аз 13-уми октябри соли 2020 мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифта, дар ҷаласа 16 нафар ширкат карданд ва ба тарафдории тақризи мазкур 16 нафар овоз доданд, зид нест, бетараф нест.

**Раиси ҷаласа:**
**мудири кафедраи журналистика**
**ва назарияи тарҷума**
**номзади илмҳои филология, дотсент** — **Комилов Каримбой Исломович**

**Котиби ҷаласа:**
**дотсенти кафедра** — **Қосимова Инобат Тӯхтабоевна**

**Эксперт:** — **Зикрияева Муҳиба**

Номзади илмҳои филология, дотсент Аббосовна

Имзои дотсент Комилов К.И., Қосимова И.Т. ва Зикрияева М.А.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ "ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров" Ашрапова Заррина Негматҷоновна

Суроға:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбеков – 1,
e-mail: hgu @mail.ru.tj
www.hgu.tj
тел: (+992) 8342264715